«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э. С.
______________
«__» ________ соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) дар кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна** соли 2005 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Баъдан солҳои 2016–2018 дар шуъбаи магистратураи факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси шарқшиносӣ таҳсил намудааст. Аз соли 2020 то соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи филологияи Эрони муассисаи мазкур ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Айни замон ба ҳайси лаборанти кафедраи филологияи Эрон фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна доктори илмҳои филологӣ Сафаров Умархоҷа Раҳимович мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо аз 30.09.2020, суратҷаласаи №1 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна 19-уми июни соли 2024, № 91 шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Адабиёти муосири Эрон дар тули беш аз сад соли охир шоирони номвареро дар домони худ парварида, ки яке аз онҳо Аҳмади Шомлу аст. Мавсуф дастпарвари мактаби Нимо – бунёнгузори шеъри мудерни Эрон ва аз шогирдони баргузидаи Нимо маҳсуб мешавад.

Перомуни зиндагӣ ва осори ӯ таҳқиқоти зиёде анҷом ёфтааст. Дар диссертатсияи мавриди назар бошад, яке аз ҷанбаҳои дигари эҷодии шоир гузингӯяҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Баррасии амиқу густурдаи ин мавзуъ аз он ҷиҳат муҳим ба назар мерасад, ки на танҳо дар адабиётшиносии тоҷик, балки дар адабиётшиносии Эрон низ омӯхта нашудааст.

Ба қавли муҳаққиқ "Мавзуъ ҳамчунин аз он ҷиҳат ҳоизи аҳаммият аст, ки моро ба диду биниши шоир, ҷаҳоннигарии вай, перомуни фарҳангу адабиёт, шеъру шоир, рисолати онҳо дар ҷамъият, раванди адабӣ, муносибату пайванди инсону адабиёт ошно месозад".

Гузингӯяҳои А. Шомлу, ки натиҷаи мушоҳидаву нигараҳо, таҷрибаҳои тулонии адиб маҳсуб мешаванд, дар шинохти амиқи шахсияти адабии шоир бисёр судманданд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Америко ва Австралия (адабиёти форсӣ)** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти муосири Эрону Тоҷикистон, адабиёти ҷаҳон, адабиёти халқҳои ИДМ, робиташиносӣ метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал ба таҳқику баррасӣ гирифтани гузингӯяҳо ва дидгоҳҳои назарӣ-завқии шоирро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

– таҳлилу арзёбии вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии Эрон дар солҳои чилуми асри сипаришуда;

– баррасии хусусиятҳои фарҳангӣ-ақидатии ҷомеа;

– омӯзишу арзёбии нашрияҳои адабӣ-иҷтимоӣ замон ва таъини нақши онҳо дар рушду камоли шеъри муосири форсӣ;

– гурӯҳбандӣ ва таҳлилу арзёбии ҷараёнҳои шеъри муосири дар даҳаи чилум;

– арзёбии намунаҳои шеъри шоирони таъсиргузори шеъри навпардозона;

– шарҳи зиндагинома ва мероси шоир дар заминаи асли таърихият;

– таъсири муҳити хонаводагӣ дар рушду камоли офаринандагии шоир;

– мероси адабии А.Шомлу;

– баррасии иҷмолии маҷмуаҳои шоир бар асли таърихият;

– таҳқиқи гунаҳои шеърӣ дар девони А.Шомлу (шеърҳои суннатӣ, ниммасуннатӣ ва шеърҳои сапед);

– баррасии гузингӯяҳои шоир;

– омӯзиши мавзуни гузингӯяҳо;

– таҳлили дидгоҳҳои завқии А.Шомлу атрофи шеър, шоир, ҳунар ва рисолати шоирӣ.

– мушаххас намудани нақши гузингӯяҳо дар шинохти шахсияти адабии шоир.

Мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** маҷмуаҳои ашъори Аҳмади Шомлу, китоби «Лолоӣ бо шайпур»-и Иллиё Диёнуш мебошанд, ки дар Теҳрон соли 1388 ҳ.ш. мунташир гаштаанд. Барои таҳқиқи фарогирии гузингӯяҳои А. Шомлу, маҷаллаҳои адабии замон аз қобили «Кайҳон», «Замона»,

«Ояндагон», «Теҳрони мусаввар», «Одина», «Паёми нав» ва ғайра ба доираи таҳқиқ кашида шуданд.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмии адабиётшиносону шарқшиносони ватанию хориҷӣ ва осори пажӯҳишии марбут ба шеъри нав, гузингӯяҳо самаранок истифода намудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро шеваи таҳқиқии донишмандону адабиётшиносон, шарқшиносони ватаниву хориҷӣ, мисли Х. Асозода, Х. Шарифзода, Х. Отахонова, Р. Мусулмониён, А. Абдулманонов, У. Сафар, Д.С. Комиссаров, В.Б. Кляшторина, П.Н. Хонларӣ, М. Кохӣ, М. Кадканӣ, М. Ҳуқуқӣ, П. Салоҷиқа, Р. Бароҳанӣ, А. Зарринкуб, М. Ёҳақӣ, С. Шамисо, Ш. Лангрудӣ, Я. Ориянпур, А. Дастғайб, Т. Пуномдориён, Н.А. Нур ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Дар диссертатсия бори нахуст дар адабиётшиносии муосири тоҷик бахши камшинохташудаи осори А. Шомлу гузингӯяҳои шоир мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтааст.

Гузингӯяҳо аслан калимаҳои қисор, ҷумлаҳои кӯтоҳе мебошад, ки атрофи масоили мухталифи конуни зиндагии инсонӣ, гуфта мешаванд. Гузингӯяҳоро дар ҳар забоне бо мафҳумҳои мухталиф ном мебаранд. Гузингӯяҳо дар имтидоди замон бар асари мушоҳидаву тарассуд, таҷрибаҳову андӯхтаҳо дар зеҳни як ҳунарманд шакл мегиранд.

Тозагии дигари таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик барои аввалин бор ҷараёни шаклгирии шахсияти адабии А.Шомлу дар пайванд бо муҳити адабии замонааш мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ талош ба харҷ рафтааст, то нақши нақди адабӣ, ҳавзаҳои адабӣ, маҷаллаву рӯзномаҳои таъсиргузори замони шоир дар тарбияту пешрафт ва камоли офаринандагии А.Шомлу таъин гардад.

Диссертатсияи номзадии Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир

меёбад, ки дар инкишофу вусъати таҳқиқоти илмӣ дар пайванд бо шеъри муосири Эрон ва шеъри муосири тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеър ва ҳамзамон, шинохту маърифати масири эҷодии шоири муосири Эрон А. Шомлу, нақши номбурда дар бунёду такомули шеъри сапеди Эрон, эҷоду густариши доираи мавзуи гузингӯяҳои адабӣ судманд мебошад. Маводи фароҳамомада ва натиҷаҳои ба дастовардаи мо ҷанбаҳои назарии масоили марбут ба шеъри нав ва ҷанбаҳои шинохту омӯзиши гузингӯяҳои адабиро таҳким бахшида, чаҳорчӯби таҳқиқ ва шеваҳои омӯзиши минбаъдаи гузингӯяҳои адабиро дар адабиётшиносии тоҷик мукаммал мегардонад. Натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастовардаи диссертант ҷанбаҳои амалии илми адабиётшиносии тоҷикро дар иртибот бо таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд бо адабиёти муосири Эрон, шеъри нав ва сапеди форсӣ, гузингӯяҳои адабӣ тақвият дода, вижагиҳои муҳтавоӣ, зебошинохтии гузингӯяҳои А. Шомлуро баён месозанд.

Маводи диссертатсия дар тадриси фанҳои таълимии «Адабиёти муосири тоҷик», «Назарияи адабиёт», «Таърихи адабиёти муосир», «Шеъри нав» мусоидат хоҳад намуд.

Муҳтавои асосии натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 мақолаи илмӣ, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Шодиева, Ф.Т. Шомлу – асосгузори шеъри сафед / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №1. – С. 166-172.

[2-М]. Шодиева, Ф.Т. Нигоҳе ба гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №6-1 (101). – С. 251-257.

[3-М]. Шодиева, Ф.Т. Шеър аз нигоҳи А. Шомлу / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №8 – С. 234-239.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигар илмӣ:**

[4-М]. Шодиева Ф.Т. Гунаҳои шеърӣ дар девони Аҳмади Шомлу / Ф.Т. Шодиева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон-Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Австрия, инчунин 75-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сайфуллоев Х.Г. – Душанбе, 2023. – С. 229-232.

[5-М]. Шодиева, Ф.Т. Нақши нашрияҳои адабӣ дар инкишофи «Шеъри нав»-и Эрон дар даҳаи 40-50-уми асри XX / Ф.Т. Шодиева // Масоили мубрами арабшиносӣ (маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию-назариявӣ дар мавзуи «Дастовардҳои илмии ховаршиносони тоҷик дар замони Истиқлол») – Душанбе, 2024. – С. 331-335.

Арзишҳои ҳунариву адабӣ ва дигар вижагиҳои осори А. Шомлу барои рушди адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд. **Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла таърихи адабиёт, ҷараёншиносии шеъри нав ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, мукаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии А. Шомлу ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян

намудани ҷойгоҳ ва мақоми ӯ дар адабиёти муосири Эрон нимаи дувуми садаи XX мушаххас мешавад.

Кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновнаро дар мавзуи **«Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №10 аз 29.06.2024.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи филологияи Эрон Қосимов Ҷ.С.

Котиби илмӣ,
номзади илмҳои филологӣ Абдулҳадов Ҷ.З.

Имзоҳои Қосимов Ҷ.С. ва
Тоҳирзода С.Т.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
02 июли соли 2024